**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН**
**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

734025, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ 17

Тел: (992-37) 221-77-11 факс: (992-37) 221-77-
E-mail: tgnu@mail.ru

734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

аз «16 апрели соли 2020, № 6 ш. Душанбе

Ба Муҳаббатов Ҳ. барои баррасӣ 17.04.2021

## МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Осорхонаи миллии Тоҷикистон санаи 11-уми майи соли 2021, соати $9^{00}$ конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалиро дар мавзӯи **«Таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1991-2021)»** баргузор менамоянд.

Ба кори конфронс даъвати донишмандон, муҳаққиқон, муаррихону ҷомеашиносон, мардумшиносон дар назар дошта мешавад.

**Мақсади баргузории конференсия**: табодули афкор миёни иштирокчиёни конфронс перомуни масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30-соли соҳибистиқлолӣ мебошад.

**Дар рафти кори конференсия масъалаҳои зерин баррасӣ, муҳокима ва таҳлил мешаванд:**
*Омӯзиш ва таҳқиқи таҳаввулоти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
*Омӯзиш ва таҳқиқи раванди сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
*Саҳми ташкилотҳои байналмилалӣ дар таъмини сулҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
*Инъикоси масоили сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти илмиву таърихӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ;
*Инъикоси масоили фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти солҳои соҳибистиқлолӣ;
*Омӯзиш ва таҳқиқи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 30 соли соҳибистиқлолӣ;
*Таҳқиқи масъалаи зан дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол;
*Рушди соҳаи маориф дар 30 соли соҳибистиқлолӣ;
*Рушди соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
*Рушди илми таърих дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ;
*Таҳкими муносибатҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Талабот барои таҳияи маърӯзаҳои конференсиядар шакли мақола:**

Матни ирсолшуда бояд таҳриршуда ва ба талаботи техникии зерин ҷавобгӯй бошанд:

- саҳифаи андозааш А4, ҳошияҳо аз тарафи чап 3 см, аз чор тараф рост 1,5 см, боло ва поён 2 см;
- ҳуруфи шакли Times New Roman, Times New Roman Tj бо андозаи- 14 мм;
- сатри якум-насаб, ном ва номи падари муаллиф, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, ҷойи кор;
- сатри дуюм-номи мақола **БО ҲАРФҲОИ КАЛОН** бо баробари матн дар байни саҳифа;
- сатри сеюм-матни асосӣ, дар барномаи MSWord ҳуруфчинӣ шуда, фосилаи байни сатрҳо 1,5 см;
- рӯйхати адабиёт дар охири матн баъд аз калимаи **АДАБИЁТ** овардашуда, бо тартиби алифбо омода карда шавад;
- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, дар шакли [2,15] омода карда мешавад, дар ин ҷо рақами аввал рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дуввум саҳифаи он мебошад;
- ҳаҷми матни мақола бояд аз 5-6 саҳифа (бо расм, ҷадвал ва рӯйхати адабиёти истифодашуда) зиёд набошад.
- ҳамаи маърӯзаҳои конференсия, ки ба шакли мақола ба чоп тавсия мешаванд, ба Индекси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) дохил мешаванд ва бояд дорои аннотатсия ва калидвожаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бошанд.

МДТ "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО"
2771
ВОРИДОТ № 17 04 21

№ 181

**Забони кори конференсия: тоҷикӣ, русӣ, англисӣ.**

Маводи кори конфронс то рӯзи баргузории конфронс интишор карда мешавад. Аз ин лиҳоз, аз муаллифон эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки фишурдаи маъруза ва дархостҳои худро то 1-уми майи соли 2021 ба почтаи электронии **amriddizodaz@mail.ru** бо риояи талаботи зикргардида ирсол намоед.

**Кумитаи тадорукот:**

Сафармамадзода С. М. – муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, раис;
Наботӣ Р. – сардори раёсати илм, муовини раис;
Абдуллозода Р. А. – сардори шуъбаи ахбори илмию техникӣ, аъзо;
Турсунов Т.Х. – муовини декан оид ба илм ва муносибатҳои байналмилалӣ; аъзо;
Қурбонов Б. – мудири кафедраи таърихи халқи тоҷик, аъзо;
Алимов Д. –д.и.т., дотсенти ДДБ ба номи Н. Хусрав;
Абдурашидов Ф. М. - д.и.т., професори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
Аюбов А.-дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров.